«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»:
Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, профессор, узви вобастаи АМИТ
Насриддинзода Э. С.
________________________
«_5_» _01_________ соли 2026

# ХУЛОСАИ
# ДОНИШГОҲИ МИЛИИ ТОҶИКИСТОН

Диссертатсияи **«Бунёди иншоотҳои азим дар публитсистикаи Шералӣ Мӯсо»** барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050400 – Рӯзноманигорӣ (6D050401 – Рӯзноманигорӣ) дар кафедраи матбуоти факултети журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба анҷом расидааст.

Юсуфӣ Ифтихор Абубакрзода соли 2020 зинаи бакалавр, соли 2022 зинаи магистратураи факултети журналистикаро аз рӯйи ихтисоси умури нашриёт хатм намуда, аз соли 2022 то соли 2025 ҳамчун доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050400 – Рӯзноманигорӣ (6D050401 – Рӯзноманигорӣ) дар кафедраи матбуоти факултети журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон фаъолият намудааст.

Роҳбари илмии Юсуфӣ Ифтихор Абубакрзода доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи матбуоти факултети журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Муродӣ Мурод Бердӣ мебошад.

Мавзуи диссертатсия дар Шурои олимони факултети журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 31.10.2022, қарори №2 тасдиқ шудааст.

Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба диссертант Юсуфӣ Ифтихор 26-уми сентябри соли 2025, таҳти №19 дар бораи супоридани имтиҳонҳои маҷмуӣ маълумотномаи академӣ (тарнскрипт) додааст.

**Аз баррасии диссертатсия чунин натиҷагирӣ карда шуд:**

Дисертатсия ба инъикосу бозтоби бунёди иншоотҳои азим дар публитситикаи Шералӣ Мӯсо бахшида шудааст. Ҳарчанд публитсистика ҳамчун як навъи адабиёт дар охири асри XVIII ва ибтидои асри XIX ташаккул ёфтааст, масъалаи хусусиятҳои жанрӣ ва мансубияти он ба навъи муайяни эҷод то имрӯз мавриди баҳси муҳаққиқон қарор дорад. Публитсистика ҳамқадами замон буда, воқеият ва авзои иҷтимоиву сиёсии давраи муайянро инъикос менамояд ва ба шаклгирии афкори ҷомеа таъсир

мерасонад. Ин таъсиргузорӣ тавассути шаклу жанрҳои гуногуни эҷодӣ амалӣ мегардад. Дар ин замина, публитсистикаи бадеӣ нақши бештар дорад, зеро дар чунин навъи осор имконияти таъсирбахш гардонидани сухан, андеша ва мавқеи муаллиф васеътар аст.

Публитсистикаи тоҷик дар тули таърих ҳамеша нерӯи бузурги таъсиррасонӣ ба афкори оммаро доштааст, вале ин хусусият дар давраи соҳибистиқлолии кишвар мазмун ва шакли тоза касб намуд. Бо дигаргун шудани сохти иҷтимоӣ, аз байн рафтани қолабҳои таблиғотию ташвиқотии давраи шуравӣ ва тақвияти равандҳои демократикунонии ҷомеа, таъйиноти публитсистика низ тағйир ёфта, доираи мавзуӣ ва жанрии он густариш пайдо кард. Дар ин давра аҳли эҷод, аз ҷумла адибону публитсистон дар бозтоб ва таҷассуми раванди бунёди иншоотҳои азим, хусусан таъмиру таҷдиди роҳҳои мошингард, кандани нақбҳо, сохтмони нерӯгоҳҳои барқи обӣ эҷодкорон таваҷҷуҳ намуда, дар доираи имконоти жанрҳои публитсистиву бадеӣ асарҳо эҷод кардаанд. Дар ин маврид нависандагони публитсист Бахтиёри Муртазо, Раҷабалӣ Аҳмад, Ҷамолиддин Тошматов, Ҳанифаи Муҳаммадохир, Нурмуҳаммад Амиршоҳӣ, Шералӣ Мӯсо ва дигарон мавқеи хоссаеро дороянд. Аз ин миён Шералӣ Мӯсо дар эҷоди асарҳо доир ба бунёди иншоотҳои азими кишвар нисбатан сермаҳсул мебошад.

Осори Ш. Мӯсо бо вижагиҳои мушаххаси эҷодӣ фарқ карда, аз сатҳи баланди мушоҳидакорӣ, тафаккури интиқодӣ ва маҳорати касбии нигорандагии ӯ шаҳодат медиҳанд. Бавижа, асарҳое, ки ба инъикоси равандҳои бунёдкорӣ дар давраи соҳибистиқлолии кишвар бахшида шудаанд, аз эҳсоси баланди шаҳрвандиву инсонӣ, руҳияи ватандӯстӣ, меҳнатдӯстӣ, худшиносиву худогоҳии миллӣ, ғояҳои созанда пурра бархӯрдоранд ва дар ташаккули афкори иҷтимоии ҷомеа нақши муассир мегузоранд.

Бо ҳамин ваҷҳ, интихоби мавзуи «Бунёди иншоотҳои азим дар публитсистикаи Шералӣ Мӯсо» барои таҳқиқ аз чанд ҷиҳат аҳаммиятнок мебошад. Аз ҷумла, Шералӣ Мӯсо дар фазои адабӣ ва публитсистии тоҷик ҳамчун эҷодкори воқеиятнигор ва мушоҳиди равандҳои бунёдкориҳои замон маъруф аст; ӯ аз ҷумлаи аввалин адибоне мебошад, ки ҷараёни созандагию ободкориҳоро ҳамчун падидаи муҳими иҷтимоӣ ба таври мунтазам ба мушоҳида ва таҳлил гирифтааст; дар осори публитсистии Шералӣ Мӯсо ба таври ғайримустақим раванди татбиқи сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти таҳкими сулҳу ваҳдати миллӣ, раҳоӣ аз бунбасти коммуникатсионӣ ва таъмини истиқлолияти энергетикӣ инъикос гардидааст; маҳсули эҷодии адиби публитсист аз лиҳози мавзуъ, мундариҷа, шаклу услуб гуногун буда, дар баъзе асарҳо сабки инфиродӣ ва ҷаҳонбинии эҷодии

муаллиф бартарӣ дорад. Ин ва мисли ин ҷиҳатҳо **зарурат ва аҳаммияти таҳқиқи ин мавзуъро** асоснок мегардонад.

**Мавзуи диссертатсия** ба доираи мавзуъ ва масоили таҳқиқие, ки дар шиносномаи ихтисоси илмии 6D050400 – Рӯзноманигорӣ (6D050401 – Рӯзноманигорӣ) нишон дода шудаанд, комилан мувофиқат мекунад. Муҳтавои диссертатсия ва натиҷаҳои он ба мавзуи таҳқиқ робитаи ногусастанӣ доранд.

**Мавзуи диссертатсия** ба «Самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ ва илмию техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми сентябри соли 2020, №503 тасдиқ шудааст, **мутобиқат дорад**. Илова бар ин, ба маводди диссертатсия зимни пажуҳиши мавзуъ бо барнома ва мавзуъҳои алоқаманд бо таҳқиқоти илмӣ пайванди бунёдӣ дошта, натиҷаҳо ва хулосаҳои бадастомада дар таҳия ва такмили васоит ва барномаҳои таълимӣ метавон такя кард.

Муаллифи диссертатсия таҳқиқи бунёди иншоотҳои азими асрро дар осори публитсистию бадеии Шералӣ Мӯсо бо назардошти муайян кардани дараҷаи инъикос, тасвири масъалаҳои бунёди иншоотҳои азим ва вижагиҳои мундариҷавии осор таҳлилу баррасӣ намудааст.

Бо назардошти моҳият, ҳамчунин ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии масъалаи мавриди таҳқиқ, ҷиҳати ноил шудан ба ҳадафи гузошташуда муаллифи диссертатсия дар назди худ вазифаҳои зеринро гузоштааст:

а) омӯзиш ва таҳқиқи ҳаёт ва фаъолияти эҷодии Шералӣ Мӯсо дар робита ба омилҳои иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва адабӣ;

б) тасниф ва таҳлили самтҳои асосии фаъолияти эҷодии Ш. Мӯсо ва муайян намудани вежагиҳои инъикос ва тасвири бунёди иншоотҳои азим дар асарҳои алоҳида;

в) баррасии мундариҷавии осори публитсистии марбут ба сохтмонҳои азим ва муайян намудани таносуби воқеият ва бадеият дар ин асарҳо;

г) таҳлил ва арзёбии унсурҳои ҳунарӣ ва жанрии осори бадеии ҷудогона ва тарзи истифодаи воситаҳои тасвир;

Ба сифати мавод ва сарчашмаҳои асосии таҳқиқ осори Шералӣ Мӯсо доир ба мавзуи сохтмонҳои азим, ҳамчунин нигоштаҳое, ки дар матбуоти даврӣ, бахусус дар рӯзномаву маҷаллаҳо ба табъ расидаанд, мавриди истифода қарор гирифтаанд.

Дар раванди таҳлилу баррасии масъалаҳои вобаста ба мавзуи таҳқиқ, муаллифи диссертатсия ҳамчунин аз осори таҳқиқии олимону муҳаққиқони соҳа, аз ҷумла асарҳои бунёдии марбут ба назария ва таърихи журналистика ва публитсистика, ба таври васеъ истифода намудааст.

**Асосҳои назарӣ ва методологии** кори диссертатсиониро асарҳои илмии муҳаққиқон А. Маниёзов, И. Усмонов, А. Нуралиев, А. Саъдуллоев, Р. Мусулмониён, Х. Мирзозода, С. Табаров, М. Муродӣ, А. Азимов, М. Абдуллозода, М. Ҷумъазода, С. Гулов, А. Василева, В. Ворошилов, Г. Ломидзе, Е. Прохоров, А. Тертичний, В. Ученова, М. Черапахов ва дигарон ташкил додаанд.

**Навгонии илмии таҳқиқ** дар он ифода меёбад, ки дар диссертатсияи мазкур бори нахуст публитсистикаи марбут ба бунёди сохтмонҳои азим дар давраи бозсозӣ ва солҳои соҳибистиқлолии кишвар дар заминаи эҷодиёти Шералӣ Мӯсо ба таври мукаммал мавриди омӯзишу таҳлил қарор гирифтааст. Дар ин замина ҷараёни ташаккули шахсияти эҷодии адиб, самтҳои асосии фаъолияти эҷодӣ, вижагиҳои мавзуӣ, мундариҷавӣ ва жанрии осори мунъакисгари иншоотҳои азими аср таҳқиқ гардидаанд.

Ҳамзамон, мавзуи диссертатсия бо назардошти талаботи замони муосир ва бо такя ба таҳлили вазъи сиёсиву иҷтимоӣ ва фарҳангиву адабии давраи шуравӣ ва соҳибистиқлолӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст, ки чунин муносибати таҳқиқотӣ ва натиҷагириҳо дар рӯзноманигорӣ ва публитсистикашиносии тоҷик то андозае мубрам маҳсуб меёбад.

Маводди диссертатсия ва хулосаҳои илмии он бо барномаҳо ва самтҳои марбут ба таҳқиқоти илмӣ алоқамандии зич дошта, метавонанд дар раванди таҳия, такмил ва ғанӣ гардондани васоиту дастур ва барномаҳои таълимии фанҳои тахассусӣ дар факултаҳои рӯзноманигории муассисаҳои таҳсилоти олӣ мавриди истифода қарор гиранд.

Диссертатсияи доктори фалсафа (PhD) Юсуфӣ Ифтихор Абубакрзода аз чанд ҷиҳат аҳаммияти махсуси илмӣ дошта, **арзиши назариявӣ ва амалиаш** дар он ифода меёбад, ки масъалаҳои назариявӣ, равишҳои таҳқиқотӣ ва хулосаҳои пешниҳоднамудаи муаллиф барои баланд бардоштани сатҳи назарии омӯзиши раванди бунёди иншоотҳои азими давраи шуравӣ ва солҳои соҳибистиқлолии Тоҷикистон дар заминаи публитсистикаи Шералӣ Мӯсо мусоидат менамоянд. Ҳамзамон, натиҷаҳои таҳқиқ дар муайян намудани арзишҳои ҳунариву жанрӣ, хусусиятҳои мавзуиву мундариҷавӣ ва дигар вижагиҳои эҷодиёти адиби публитсист ҳамчун маводди назариявӣ аҳаммияти хосса доранд.

Муҳтавои таҳқиқ ва масъалаҳои асосии диссертатсияи Юсуфӣ Ифтихор Абубакрзода дар **13 мақола**, аз ҷумла **9 мақола** дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва **4 мақола** дар маҷмуа ва нашрияҳои дигари илмӣ ба табъ расидаанд, инъикос ёфтаанд. Теъдод ва мазмуни ин мақолаҳо ба

талаботи муқаррargардидаи таълиф ва таҳияи диссертатсия ва автореферат барои дарёфти дараҷаи илмӣ мутобиқат менамоянд.

Мақолаҳои нашршуда дар маҷаллаҳои тақризшаванда бо мавзуи таҳқиқ робитаи мустақим дошта, нуктаҳои калидии диссертатсия ва автореферат ро фаро гирифта, мазмуни асосии таҳқиқро инъикос менамоянд. Рӯйхати мақолаҳои мазкур чунин аст:

**I. Таълифоти муаллиф дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:**

[1-М]. Юсуфов, И. Ситоиши Ваҳдат дар публитсистикаи Шералӣ Мӯсо [Матн] / И. Юсуфов // Паёмномаи фарҳанг. – Душанбе, 2021. – №3 (55). – С. 101-109.

[2-М]. Юсуфов, И. Ташаккули шахсияти эҷодии Шералӣ Мӯсо [Матн] / И. Юсуфов // Паёмномаи фарҳанг. – Душанбе, 2022. – №2 (58). – С. 108-117.

[3-М]. Юсуфов, И. Шинохти илмии публитсистика аз ҷониби муҳаққиқон [Матн] / И. Юсуфов // Паёмномаи фарҳанг. – Душанбе, 2023. – №1 (61). – С. 109-118.

[4-М]. Юсуфов, И. Отражение публицистики в научных исследованиях [Матн] / И. Юсуфов // Паёми Китобхонаи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2023. – №2 (2). – С. 83-90.

[5-М]. Юсуфов, И. “Ман”-и муаллиф дар публитсистикаи Шералӣ Мӯсо [Матн] / И. Юсуфов // Паёмномаи фарҳанг. – Душанбе, 2023. – №3 (63). – С. 108-118.

[6-М]. Юсуфов, И. Баъзе вижагиҳои нақлу тасвир дар “Достони Роғун”-и Шералӣ Мӯсо [Матн] / И. Юсуфов // Паёми Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2023. – №8. – С. 267-277.

[7-М]. Юсуфов, И. Назаре ба рӯзгор ва осори эҷодии Шералӣ Мӯсо [Матн] / И. Юсуфов // Паёмномаи фарҳанг. – Душанбе, 2024. – №4 (68). – С. 112-117.

[8-М]. Муродӣ, М. Юсуфов, И. Доир ба ҷанбаҳои публитсистии осори бадеии Шералӣ Мӯсо [Матн] / М. Муродӣ, И. Юсуфов // Паёмномаи фарҳанг. – Душанбе, 2025. – №3 (71). – С. 86-94.

[9-М]. Муродӣ, М. Юсуфов, И. Рӯзгор ва осори Шералӣ Мӯсо дар контексти пажуҳишҳои илмию оммавӣ: баррасии хулосавӣ [Матн] / М. Муродӣ, И. Юсуфов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2025. – №5. – С. 295-303.

**II. Таълифоти муаллиф дар маҷмуа ва нашрияҳои дигари илмӣ:**

[10-М]. Юсуфов, И. (Юсуфӣ, И.А.) Иншоотҳои азими аср дар публитсистикаи Шералӣ Мӯсо [Матн] / И. Юсуфов // Бозтоби бунёди

иншоотҳои азим ва ташаббусҳои байналмилалии Тоҷикистон дар публитсистикаи муосир. Мураттиб И. Юсуфӣ. – Душанбе: Истеъдод, 2024. – С. 321-411.

[11-М]. Юсуфов, И. Корбурди унсурҳои муассири сухан дар публитсистикаи Шералӣ Мӯсо [Матн] / И. Юсуфов // Маводди III конференсияи ҷумҳуриявии илмиву назариявии Шурои олимон ва муҳаққиқони ҷавони ДМТ бахшида ба "Рӯзи ҷавонони Тоҷикистон"– 23 май ва "Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф" – солҳои 2020-2040 / Бахши илмҳои гуманитарӣ. – (Душанбе: Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, 18-19 майи соли 2023). – Душанбе, 2023. – С. 166-174.

[12-М]. Юсуфов, И. Инъикоси масъалаи бунёди роҳу нақбҳо дар публитсистикаи Шералӣ Мӯсо: дар мисоли асари "Мардистон" [Матн] / И. Юсуфов // Маводди конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ дар мавзуи «Нақши ВАО дар шароити ҷаҳонишавӣ ва бархӯрди фарҳангу тамаддунҳо» / Бахши 2. Публитсистика ва замони муосир. – (Бохтар: Донишгоҳи давлатии Бохтар ба наоми Носири Хусрав, 11-12 апрели соли 2025). – Бохтар, 2025. – С. 327-336.

[13-М]. Юсуфов, И. Бозтоби корзори инсони бунёдкор дар "Достони Роғун" [Матн] / И. Юсуфов // Маводди конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявӣ дар мавзуи «Масъалаҳои назарӣ ва амалии публитсистикаи тоҷик дар замони муосир». – (Душанбе: Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, 1 майи соли 2025). – Душанбе, 2025. – С. 370-385.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ**, пеш аз ҳама, дар сатҳи дарки амиқи масъалаҳои баррасишуда дар диссертатсия, натиҷаҳо ва хулосаҳои асосии таҳқиқ, муқаррароти ба ҳимоя пешниҳодгардида, инчунин дар баёни мустақилонаи мавқеи илмии ӯ нисбат ба мавзуи таҳқиқ зоҳир мегардад. Гузоришу маърузаҳои илмии муҳаққиқ дар маҳфилҳо, конференсияҳои илмӣ, мизҳои мудаввар, ҳамчунин диссертатсияи пешниҳодшуда ва мақолаҳои илмии ба табъ расонидашуда саҳми шахсии муаллифро дар анҷоми таҳқиқи мазкур ба таври возеҳ тасдиқ менамоянд. Таҳқиқоти анҷомёфта маҳсули фаъолияти чандсолаи илмии муаллиф буда, дар ниҳоят дар шакли як диссертатсияи мукаммал ҷамъбаст гардидааст.

**Ҷаласа қарор кард:**

1. Диссертатсияи Юсуфӣ Ифтихор Абубакрзодаро дар мавзуи «Бунёди иншоотҳои азим дар публитсистикаи Шералӣ Мӯсо» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050400 –

Рӯзноманигорӣ (6D050401 – Рӯзноманигорӣ) кори анҷомёфтаи илмӣ ва муҳимму зарурӣ ҳисобида шавад.

2. Диссертатсияи Юсуфӣ Ифтихор Абубакрзодаро дар мавзуи «Бунёди иншоотҳои азим дар публитсистикаи Шералӣ Мӯсо» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050400 – Рӯзноманигорӣ (6D050401 – Рӯзноманигорӣ) бо дарназардошти ислоҳи эродҳои гирифташуда барои ҳимоя дар шурои диссертатсионии мутобиқ ба ихтисоси илмӣ дар назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон тавсия дода шавад.

Хулоса дар ҷаласаи кафедраи матбуоти факултети журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон қабул гардид.

Иштирок дошт: 10 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» – 10 нафар, «зид» – нест, «бетараф» – нест, қарори № 6 аз 02.01.2026.

**Раиси ҷаласа:**
номзади илмҳои филологӣ, дотсент,
мудири кафедраи матбуоти
факултети журналистикаи Донишгоҳи
миллии Тоҷикистон Усмонова Н.К.

**Котиби илмӣ:**
номзади илмҳои филологӣ,
муаллими калони кафедраи матбуоти
факултети журналистикаи Донишгоҳи
миллии Тоҷикистон Якубова М.М.

Имзоҳои Усмонова Н.К. ва
Якубова М.М.-ро тасдиқ мекунам:
сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Шодихонзода Э.Ш.

Нишонӣ: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.
Телефон: (+992-37) 221-62-25; факс: 227-15-10.
E-mail: info@tnu.tj